**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди**
**Донишгоҳи миллииТоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 23.09.2025, №102

Барои сазовор донистани Сироҷзода Нигина Раҷаб, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №23) 15-уми июли соли 2025, суратмаҷлиси №100 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Сироҷзода Нигина Раҷаб 28-уми сентябри соли 1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик. Соли 2015 факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси журналист хатм кардааст.

Аз 16.01.2016 ба ҳайси аспиранти шуъбаи рӯзонаи кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардида, бо фармоиши ректори Донишгоҳ аз 30.01.2018 аз шуъбаи рӯзона ба шуъбаи ғоибона интиқол ёфта, 27.01.2020 шуъбаи аспирантураро хатм кардааст. Ҳамзамон, солҳои 2015-2020 коргузори факултети журналистика ва аз соли 2020 то ин ҷониб ба сифати ассистенти кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети мазкур фаъолият карда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ.

**Муқарризони расмӣ**: **Муллоев Шариф Боқиевич,** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» ва **Сафарзода Манучеҳри Наҷот,** доктори фалсафа

(PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ, муовини сардори Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонӣ Галимова Моҳинур, эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи мазкур Муъминҷонов Зулфиддин, котиби илмии ҷаласа – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ Мулоева Нишона имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Назарзода Маҳмуд Мирзо пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи рӯзноманигорӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртиботи қавӣ дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Сироҷова, Н.Р. Назаре ба таҳқиқоти публитсистии Асадулло Саъдуллоев / Н.Р. Сироҷова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/5. – С. 302-305.

[2-М]. Сироджова, Н.Р. Место эссе в исследованиях профессора Асадулло Саъдуллоева / Н.Р. Сироджова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2018. – №1 (73). – С. 153-158.

[3-М]. Сироҷова, Н.Р. Профессор Асадулло Саъдуллоев ва нақди адабии тоҷик / Н.Р. Сироҷова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №4. – С. 313-317.

[4-М]. Сироҷова, Н.Р. Масъалаҳои нақди илмӣ дар таҳқиқоти Асадулло Саъдуллоев / Н.Р. Сироҷова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №8. – С. 285-289.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Сироҷова, Н.Р. Мактаби илмии профессор Асадулло Саъдуллоев / Н.Р. Сироҷова // Дар моварои сухан. Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ. – Душанбе, 2018. – С. 105-109.

[6-М]. Сироҷова, Н.Р. Насри мустанад дар таҳқиқоти профессор А. Саъдуллоев / Н.Р. Сироҷова // Нақши публитсистика дар шароити ҷаҳонишавӣ. Маҷмуаи гузоришҳои илмии конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба 80-солагии Асадулло Саъдуллоев (Душанбе, 2020). – Душанбе, 2020. – С. 151-160.

[7-М]. Сироҷова, Н.Р. Нақши ВЭА дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар шароити муосир / Н.Р. Сироҷова // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад» (Душанбе, 2022). – Душанбе, 2022. – С. 90-96.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири Нашрияи рӯзномаи «Омӯзгор» **Сафарзода Эҳсон** мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби унвонҷӯ эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Боби якуми диссертатсия бештар хусусияти нақлӣ пайдо кардааст. Хуб мешуд, ки бо истифода аз асарҳои илмӣ ва муқоисаву таҳлилу баҳогузориҳо ҷанбаи илмии он қавӣ карда шавад.

2. Дар автореферати диссертатсия дар баъзе ҳолат номувофиқатии факту рақамҳо ба назар мерасад. Ба гунаи мисол, дар саҳифаи 16 зикр шудааст, ки профессор Асадулло Саъдуллоев муаллифи 40 асар мебошад, аммо дар саҳифаи 32 бошад, номгӯйи асарҳо 50 қайд шудааст.

3. Дар автореферати диссертатсия ихтисораи русии СССР истифода гардидааст, ҳол он ки шакли тоҷикии ИҶШС-ро корбаст кардан мумкин аст. Дар зимн, дар автереферат калимаи «муҳаққиқ» хеле зиёд (танҳо дар саҳифаи 5 ва 6 ёздаҳ маротиба) истифода шудааст. Инчунин, агар ба ҷойи «муҳаққиқи адабиётшинос» (с. 5) яке аз калимаҳоро истифода мекард, ба манфиат буд.

4. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоию техникӣ ва грамматикӣ (саҳ. 4, 7, 24, 27, 31, 32) ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба манфиат хоҳад буд.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи рӯзноманигории Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» **Маҳкамзода Дилором** низ мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмии диссертант ду эрод манзур шудааст:

1. Иртиботи фаъолияти илмии А. Саъдуллоев бо олимони шуравии публитсистикашинос сарфи назар шудааст. Таъсири назарияҳои муҳаққиқони рус ба илми журналистикаи тоҷик, хосса ба эҷоди илмии мавсуф, барои равшантар намудани мавзуи диссертатсия мусоидат мекард.

2. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ. 19, 25, 29, 33, 35) ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи иттилоот ва технологияҳои робитавии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Бобоҷонова Мутриба,** дар маҷмуъ, мусбат буда, дар он ба камбудиҳои зерини автореферат ишора шудааст:

1. Аксари сарчашмаҳо ба солҳои 1980-2015 тааллуқ доранд. Барои мукаммалӣ хуб мебуд, аз пажӯҳишҳои солҳои охир (пас аз 2020) низ истифода мешуд, то таҳқиқ ба вазъи кунунӣ бештар алоқаманд мегардид.

2. Дар автореферат хатоҳои имлоию техникӣ ҳам ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

**4.** Дар **тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, сармуҳаррири рӯзномаи «Хатлон» **Маъмурзода Носирҷон** автореферати диссертатсия ҷавобгӯйи талабот ва муқаррароти мавҷуда ва довталаб сазовори дарёфти дараҷаи илмии дархостшаванда маънидод гардида, ба нуктаҳои такмилталаби зерин ишора шудааст:

1. Дар баъзе фаслҳо такрори маълумот ва тавсифҳои васеъ мушоҳида мешавад, ки метавонистанд фишурдатар ва хулосавӣ пешниҳод шаванд.

2. Набудани муқоиса бо таҷрибаи мактабҳои публитсистикаи кишварҳои дигар эҳсос мешавад. Ин гуна муқоисаҳо метавонистанд ба таҳқиқ аҳаммияти бештар диҳанд.

3. Саҳми шахсии диссертант дар баъзе бахшҳо нисбат ба андешаҳои пешгузаштагон то ҷое камранг ба назар мерасад, ки ҳангоми коркарди ниҳоӣ метавон онро бо далелу баҳсҳои иловагӣ пурқувват гардонд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- унвонҷӯ Сироҷзода Нигина Раҷаб бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии самти рӯзноманигорӣ, хусусан, публитсистикашиносӣ дар мисоли осори Асадулло Саъдуллоев ба таҳқиқи публитсистикаи муосири тоҷик пардохта, кори илмии муҳим ва арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси асарҳои «Публитсистикаи Турсунзода» (Душанбе, 1988. – 112 с.), «Жанрҳои таҳлилии матбуот» (Душанбе, 1994. – 58 с.), «Ҳамосаи инсони кор» (Душанбе, 1995. – 64 с.), «Хосияти адабиёт. Пайванди каломи бадеъ бо иҷтимоъ» (Душанбе, 2000. – 264 с.), «Рангҳои зиндагӣ» (Душанбе, 2007. – 344 с.), «Наҷвои наҷотофарин» (Душанбе, 2008. – 112 с.), «Горизонты публицистики» (Душанбе, 2009. – 312 с.), «Эссе. Размышления о некоторых аспектах жанра и его эволюции» (Душанбе, 2010. – 116 с.), «Очерк: генезис, развитие и современное состояние» (Душанбе, 2012. – 216 с.), «Агар сухан коргар шавад...» (Душанбе, 1992. – 272 с.), «Муаммои назарияи публитсистика» (Душанбе, 2015. – 184 с.), «Бомдоди шубоб» (Душанбе, 1994. – 140 с.) ва дигар мақолаву асарҳои Асадулло Саъдуллоев **коркард шудааст;**
- нақши асарҳои публитсистии адиб дар нишон додани марҳалаҳои тайкардаи ҳаётӣ, обутоб дар душворию нобасомониҳои рӯзгор ва ташхиси набзи ҳаёт аз ҷониби публитсист дар заминаи мушоҳидаҳову хулосабарориҳо **муайян карда шудааст;**
- аз майдони журналистикаи амалӣ таҳлилк таҳқиқи воқеияти замон, иҷрои вазифаҳои пурмасъул, бо сиёсати идеологӣ ҳамоҳанг будани фаъолияти эҷодӣ, робитаву ҳамкориҳо бо адибони шинохтаи замон ва нақши матбуот дар такомули эҷодии публитсист **собит шудааст;**
- пайванду робитаи амиқи таҳқиқ ва таълим дар заминаи фаъолияти муҳаққиқию омӯзгорӣ, ва роҳнамоӣ ба шогирдони ҷавон, аз таҳқиқоти арзишманд омода кардани дастурҳову китобҳои дарсӣ ва нақши таълимгоҳ дар шаклгирии барномаву нақшаву мавзуъҳои илмӣ **мушаххас шудааст;**
- Самтҳои асосии таҳқиқи публитсистика, нақши адибон дар рушду такомули насри публитсистӣ, шинохту таҳқиқи махсусиятҳои жанрӣ,

сабку услуб, нақши публитсистика дар худшиносии миллӣ, равандҳоиислоҳоти иҷтимоӣ бо таъсири публитсистика, таҳқиқи образи публитсистӣ ва нақши маънавию сиёсии публитсистика дар замони муосир нишон дода шудааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад,** донишҳои назариро дар фаҳмишу дарки публитсистика афзуда, метавонад, самтҳои нави таҳқиқро дар шинохти соҳа ба вуҷуд оварад. Уфуқҳои таҳқиқ дар фаъолияти А. Саъдуллоев мушаххас гардида, алоқамандии он бо дигар илмҳои ҷомеашиносӣ муайян карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқикро олимон, муҳаққиқони ҷавон, донишҷӯёни факултетҳои журналистикаву филология ва ихтисосҳои ҷомеашиносӣ метавонанд, ки васеъ истифода намоянд. Ин диссертатсия паҳлуҳои таҳқиқногардидаро муайян намуда, дар заминаи он монография ва дастурҳои таълимӣ метавонанд ба табъ расанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки аз баҳсҳои дар диссертатсия суратгирифта, натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои таҳқиқии истифодабурдаи муаллиф дар раванди ҷустуҷӯҳо ва пажӯҳишҳо оид ба публитсистикашиносии тоҷик ва таъини вижагиҳои публитсистикаи Асадулло Саъдуллоев метавон истифода бурд. Маводди диссертатсия ва хулосаҳои онро зимни навиштани мақолаҳо ва таълифоту таҳқиқоти илмӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии самти рӯзноманигории ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқии маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми мавод, коркарди натиҷаҳо, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили сарчашмаҳо ва таҳқиқи осори назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Аз нақду баррасӣ ва таҳқиқи анҷомдодаи довталаб метавон ба чунин натиҷа расид, ки бори аввал осори илмии Асадулло Саъдуллоев ва таълифоту таҳқиқоти ӯ дар соҳаи публитсистика мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, мавқеи профессор Асадулло Саъдуллоев дар таҳқиқи насри мустанад, масъалаҳои назарии публитсистика, мансубият ва муаммоҳои жанрӣ, забону услуби нигориш, мавзую мундариҷаи осор, масъалаҳои рушду таназзули соҳа,

мушкилоту монеаҳо, нақши адиб дар ташхиси равандҳои иҷтимоӣ, ташаккули мактаби илмӣ ва бисёр паҳлуҳои дигар нишон дода шудаанл.

Диссертант дар таҳқиқи мазкур навгониҳои мушаххасро дар раванди пажӯҳиш пайгирӣ намуда, баррасии муназзам ва пай дар пайи мавзуъро дақиқ кардааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23-юми сентябри соли 2025 дар бораи сазовор донистани Сироҷзода Нигина Раҷаб ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 14 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №360/шд), аз ҷумла 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ иштирок доштанд.

Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудзода Б.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Бобомаллаев И.Ҷ.

23.09.2025.